**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, қтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ)**

Диссертатсия ба пажуҳиши ҳаёти сиёсӣ, қтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум – ибтидои солҳои 30-юми асри XX ва ҷойгоҳу нақши ходими барҷастаи сиёсӣ Нусратулло Махсум дар ин раванд бахшида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки Нусратулло Махсум (Лутфуллоев) дар миёни ходимони ҷамъиятӣ ва сиёсии солҳои 20-ум–ибтидои солҳои 30-юми асри XX ҳамчун нахустин роҳбари ҶМШС ва ҶШС Тоҷикистон, ки баъди марг бо унвони Қаҳрамони Тоҷикистон сарфароз гардид (2006), ҷойи махсусро ишғол мекунад, зеро дигаргуниҳое, ки дар давраи солҳои 20-ум –ибтидои солҳои 30-юми асри XX дар ҷумҳурӣ ба вуҷуд омада буданд, аксаран бо фаъолияти самарабахши ӯ ва ҳамсафонаш робита доранд.

Диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX», ба яке аз масъалаҳои муҳимми таърихнигории муосири кишвар бахшида шудааст, зерро дар шароити имрӯзаи давлатдории навинамон омӯзиши масъалаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои мазкури асри сипаригардида, ки Тоҷикистон дар харитаи сиёсии ҷаҳон ба вуҷуд омад ва таърихи навини кишварамон аз ҳамон марҳила оғоз гардидааст.

Бо назардошти ин, таҷдиди назар намудани таърихи садсолаи охир ва инъикоси фаъолияти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Нусратулло Махсум ва ҳамсафони ӯ, ки дар таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон дар соли 1929 нақши ҳалкунандаро бозида буданд, заминаҳои таърихиро барои қабули Эъломияи истиқлоли давлатӣ дар

соли 1991 гузоштанд. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи масъалаи марбут ба фаъолияти содиқонаи Нусратулло Махсум ҳамчун роҳбари воқеии ҷомеаи замони худ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар таърихнигории муосири Тоҷикистон масъалаҳои таҳқиқи мавзуи мазкур нишон медиҳад, ки Нусратулло Махсум ҳамроҳи дигар намояндагони барҷастаи халқи тоҷик дар тайи бештар аз як даҳа нафақат барои ташкилёбии ҷумҳурии мустақили тоҷикон кӯшиш намуданд, балки дар рушди хоҷагии халқи он, инчунин бозгашти гурезаҳо ва барқарор намудани сулҳу субот дар тамоми қаламрави Тоҷикистони Шуравӣ нақши муҳим бозиданд, ки ҳанӯз ин масъала ба тарзи амиқу ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст ва ин мубрамияти таҳқиқи мавзуи мазкурро тақвият медиҳад.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки муаллиф ба масъалаҳои саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX бори аввал дар асоси маводи муътамади таърихӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва нақлу ривоятҳои пайвандони ӯро омӯхта ва таҳлил намудааст.

Дар доираи диссертатсия масъалаи тақсимоти миллию марзии соли 1924 дар Осиёи Миёна, таъсиси ҶМШС Тоҷикистон, таъсиси ҶШС Тоҷикистон дар соли 1929 ва ҷойгоҳи Нусратулло Махсумро дар раванди таъсиси ҶШС Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ муайян намуда, мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст, ҳамаи ин навгониҳои рисолаи номзадии мазкур мебошанд..

Диссертатсияи Маҳмудзода Д.Х. дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX», аз муқаддима, 3 боб, 10 зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (317 номгӯй) иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар ҳаҷми 201 саҳифаи

матни компютерӣ таълиф шуда, сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои муайяншуда мутобиқ аст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши он, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва заминаҳои методологӣ, меъёрӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳод-гардида, доираи хронологии таҳқиқот, асосҳои назариявии рисола, арзиши амалии рисолаи диссертатсионӣ, ҳамзамон, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, сохтор ва ҳаҷми рисола муайян гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия «Вазъи сиёсии солҳои 20-уми асри ХХ ва мавқеи Нусратулло Махсум дар ҳалли масъалаҳои сиёсии Тоҷикистон» ном дошта, он аз 4 зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби аввал "Оғози фаъолияти сиёсию ҷамъиятии Нусратулло Махсум" ҳаёт ва фаъолияти ибтидоии сиёсии Нусратулло Махсум баррасӣ гардидааст.

Дар ин зербоб қайд гардидааст, ки фаъолияти бенуқсони Нусратулло Махсумро ба назар гирифта ӯро соли 1921 ҳамчун намояндаи Кумитаи озуқаи ҶХШБ оид ба таъмини қисмҳои Артиши Сурх дар минтақаи Ғарм таъин намуданд. Ҳамзамон, охирҳои ҳамон сол як муддат ӯ ҳамин вазифаро дар Душанбе низ иҷро карда, аз ибтидои соли 1922 Нусратулло Махсум ба таври муваққатӣ раиси Кумитаи инқилобии вилояти Ғарм таъин шуд. Ба чунин вазифаҳои пурмасъул пешбарӣ намудани Нусратулло Махсум дар ин давра, аз боло рафтани мақому мартабаи ӯ дар байни масъулини низоми нави давлатдорӣ шаҳодат медиҳад.

Зербоби дуюми боби аввали диссертатсия "Ҷараёни тақсимоти миллию ҳудудӣ ва саҳми Нусратулло Махсум дар ташкили ҶМШС Тоҷикистон" ном дошта, дар он рафти тақсимоти мазкур ва нақши Нусратулло Махсум дар таъсиси ҶМШС Тоҷикистон таҳлил гардидааст.

Воқеан, яке аз давраҳои мураккаби сиёсӣ дар ибтидои Ҳукумати Шуравӣ дар Осиёи Миёна ин масъалаи тақсимоти миллӣ-марзии ин сарзамин дар асоси нишонаҳои миллӣ мебошад. Муаллифи диссертатсия дуруст қайд намудааст, ки дар мактуби Нусратулло Махсум таъкид

мешавад, ки Комиссияи тақсимоти миллию марзӣ масъалаи тоҷиконро ноодилона баррасӣ намудаастэ

Қайд намудан зарур аст, ки солҳои 1924 – 1926 Нусратулло Махсум вазифаи Раиси Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистонро иҷро мекард, ба ибораи дигар, ӯ амалан нахустин роҳбари аввали ҷумҳурии худмухтор буд. Тавре маълум аст, Кумитаи инқилобӣ моҳи ноябри соли 1926 фаъолияташро баъди даъвати Анҷумани муассисони ҶМШС Тоҷикистон қатъ намуд. Дар ин анҷуман мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузор бо номи Кумитаи Иҷроияи Марказии (КИМ) Шуроҳо таъсис ёфт, ки раиси нахустини он Нусратулло Махсум интихоб шуда, то соли 1933 дар ин мансаби олии мақомоти ҳокимияти давлатӣ содиқона фаъолият дошт.

Дар зербоби сеюми боби якум "Мақоми Нусратулло Махсум дар самти таҳким бахшидани сохтори идорию маъмурии ҶМШС Тоҷикистон" саҳми Нусратулло Махсум дар ташкил ва таҳкими низоми идорию маъмурӣ ва муассисаҳои давлатии ҶМШС Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст.

Ҳамзамон, дар зербоби чоруми боби аввали диссертатсия "Муборизаҳои Нусратулло Махсум дар раванди таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон" инъикос гардидааст. Муаллиф қайд намудааст, ки соли 1928 Нусратулло Махсум ҳамроҳи чанд нафар соҳибмансабони баландпояи давлатию ҳизбӣ ба номи Бюрои сиёсии КМ ҲК (б) ИҶШС таҳти унвони «Доир ба тақсимоти ҳудудӣ – миллӣ дар Осиёи Миёна» бо мактуб муроҷиат кард. Дар ин мактуб масъалаи поймол шудани манфиатҳои таърихии тоҷикон масъалагузорӣ шуда буд.

Роҳбарияти Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон борҳо, дар сатҳҳои гуногун ба ҶМШС Тоҷикистон ҳамроҳ намудани минтақаҳои тоҷикнишинро гузошта буданд ва 4-уми сентябри соли 1929 Хуҷанд расман ба Тоҷикистон пайваст. 15-уми октябри соли 1929 дар Анҷумани III фавқулодаи Шуроҳо Раиси КИМ-и ҶМШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум «Оид ба таъсисёбии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии

Тоҷикистон маъруза карда, вакилон қарори дахлдор қабул намуданд ва ин саҳми назарраси ӯ дар ташкили ҷумҳурии мустақил мебошад.

Боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ «Талошҳои Нусратулло Махсум дар таъмини амният ва танзими раванди муҳоҷират дар Тоҷикистон» ном дошта, аз 3 зербоб иборат аст.

Зербоби якум ба масъалаи "Ҳаракати зиддишуравӣ ва нақши Нусратулло Махсум дар ноил гардидан ба зиндагии осоишта" ба нақши Нусратулло Махсум дар таъмини зиндагии босуботи ҷомеа бахшида шудааст. Дар зербоби мазкур қайд мегардад, ки Нусратулло Махсум аз соли 1921 дар барқарор намудани ҳокимияти Шуравӣ дар Ғарм соли 1924 ҳамчун роҳбари ҷумҳурӣ таъин гардида, дар мубориза алайҳи ҳаракати босмачигарӣ нақши калон бозидааст.

Ҳамчунин, дар ин зербоб қайд гардидаст, ки 13-уми апрели соли 1926 дар назди Ҳукумати ҷумҳурӣ ниҳоди махсусе таъсис шуд, ки бевосита бо ҳалли масоили гурезаҳо машғул буд. Моҳҳои август – сентябр ин ниҳод ба Нусратулло Махсум ҳисоботи пешниҳод кард, ки тибқи он, ба гурезаҳои ба ватан баргашта маблағҳои зиёде ҳамчун кӯмак расонда мешуданд.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия масъалаи "Нақши Нусратулло Махсум дар ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати дохилӣ" нақши ӯ дар ҳалли масъалаи замин ва танзими муҳоҷирати дохилӣ дар Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст.

Дар диссертатсия қайд мешавад, ки Тоҷикистон дар рафти ҷанги шаҳрвандии солҳои 20-ум зарари калон дид. Вақте ки маъракаи таъсис додани колхозҳо шуруъ шуд, Нусратулло Махсум ба ин хулоса расид, ки ба шакли нави хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бояд тадриҷан гузашта шавад. Вобаста ба ин, яке аз омилҳое, ки ба рушди соҳа мусоидат мекард, ин ҳалли дурусти раванди муҳоҷирати дохилӣ ба ҳисоб меравад. Бо ташаббуси Нусратулло Махсум дар худи ҳамон сол 50 адад ташкилотҳои қарздиҳӣ таъсис ёфтанд, ки ба хоҷагиҳо самаранок кӯмак мекарданд.

Боби сеюми рисолаи номзадӣ «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон ва раванди ҳодисаҳои сиёсии солҳои 30-юми асри XX» ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби сеюм “Нақши Нусратулло Махсум дар инкишофи саноат ва роҳсозӣ дар Тоҷикистон” номгузорӣ шуда, дар он саҳми роҳбарият дар ташкил ва рушди соҳаи саноату роҳсозӣ дар Тоҷикистон инъикос гардидааст.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки барои рушди хоҷагии халқи ҷумҳурӣ дар ҳама соҳаҳо кор аз сифр оғоз гардид, аммо ба ин нигоҳ накарда, дар давраи аввали роҳбарии Нусратулло Махсум солҳои 1925 – 1926 4 заводи равғанкашӣ ва солҳои 1925-1929 бошад, дар ҷумҳурӣ 8 заводи пахтатозакунӣ сохта ба истифода дода шуд.

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки дар сохтмони роҳҳои байни минтақаҳои ҷумҳурӣ Нусратулло Махсум нақши муҳим бозид. Ӯ кӯшишҳои зиёд ба харҷ дод, то ки ҳукумати марказӣ нақшаи сохтмони роҳи оҳани Душанбе – Тирмизро маъқул шуморад. Ҳамин тавр, Тоҷикистон дар давраи роҳбарии Нусратулло Махсум бо комёбиҳои бузурги саноатию роҳсозӣ ноил гардид. Дастовардҳои ин давра заминаи асосиро барои рушди ҷумҳурӣ дар солҳои минбаъда гузоштанд.

Дар зербоби дуюми боби сеюм “Мақоми Нусратулло Махсум дар рушди фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ” ҷойгоҳи Нусратулло Махсум дар рушди фарҳанг ва баланд бардоштани ҳаёти иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ таҳлил гардидааст. Бояд қайд намуд, ки Ҳукумати Шуравӣ ба низоми маориф диққати махсус медод. Соли 1925 дар назди Нозироти (дурусташ комиисариати) маорифи халқи ҷумҳурӣ комиссияи фавқулода доир ба маҳви бесаводӣ таъсис ёфт. Нусратулло Махсум кори ин комиссияро зери назорати худ гирифт.

Зербоби сеюми боби сеюми диссертатсия «Сарнавишти Нусратулло Махсум дар гирдоби сиёсии солҳои 30-юми асри XX»,номгузорӣ шуда, дар он таъқиботи сиёсӣ дар солҳои сиюми асри XX нисбати роҳбарияти ҷумҳурӣ, хусусан Нусратулло Махсум инъикос гардидааст.

Дар диссертатсия зикр шудааст, ки солҳои 30-юми асри XX дар Иттиҳоди Шуравӣ таъқиботҳо ба авҷи худ расида, ҳар соҳибмансаберо, ки манфиатҳои миллии халқи худро ҳимоя мекард, ба миллатгароӣ» айбдор намуда, таъқиб мекард. Вобаста ба ин, 5 декабри соли 1933 дар ҷаласаи Бюрои сиёсии КМ ҲКТ (б) фаъолият ва "хато"-ҳои роҳбарони Тоҷикистон Н.Махсум ва А.Ҳоҷибоев муҳокима гардида, аз вазифа озод карда шуданд.

Ҳамин тавр, нахустин роҳбари Тоҷикистони Шуравӣ қурбонии туҳмату буҳтон гардид, аммо ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ номи неки ӯ ва дигар ҳамсафонаш барқарор гардид. Яке аз бартариҳои диссертатсия дар он аст, ки дар саҳифаи 131 таблитсаи ҳаҷми маблағгузорри соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ва ҳамасола зиёд шудани он дар байни соҳои 1924-1929 инъикос гардидааст.

Дар маҷмуъ дар диссертатсия таҳқиқи тамоми фаъолияти сиёсӣ, иқтисодию ичтимоӣ ва фарҳангии Нусратулло Махсум дар оғози Ҳукумати Шуравӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Вобата ба ин, аҳаммияти илмию амалии рисола дар он аст, ки саҳифаҳои норавшани ҳаёт ва фаъолияти идоракунии давлатии Нусратулло Махсум таҳқиқ ва ҷамъбаст гардидааст.

Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро метавон, дар навбати аввал, ҳамчун манбаи илмӣ ва таҳқиқ ҳангоми пажуҳиши масоиле, ки бо давраи таҳқиқшаванда алоқаманд мебошанд, истифода намуд. Ба ғайр аз ин, онҳоро ҳангоми тартиб додани барномаҳо ва такмили адабиёти таълимии таърихи халқи тоҷик, ҳамчунин натиҷаҳо ва тавсияҳои диссертатсияро дар муассисаҳои олии касбии кишвар дар таълими фанҳои таърихи идоракунии давлатӣ ва таърихи муосири Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Хулосаҳои муаллиф дар қисмати ҷанбаҳои мусбии фаъолияти Нусратулло Махсум дар як марҳилаи муҳимми таърихи замони империяи абарқудрати Шуравӣ, ки ҷузъи таърихи навини мардуми

тоҷик мебошад, таҳқиқ ва ҷамъбаст карда шудаанд. Ҳамзамон, дар таҳқиқоти анҷомдодашуда камбудиву бартариҳои сиёсати давлати абарқудрати Шуравӣ, ки Тоҷикистон ҷузъи он буд, ба таври дақиқ ва ҳаматарафа ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Сохтори рисолаи диссертатсионӣ. Диссертатсия дар ҳаҷми 201 саҳифаи чопи компютерӣ навишта шуда, аз муқаддима, 3 боб, 10 зербоб, хулоса, феҳристи адабиёт (317 номгӯй) иборат буда, комил ва илмӣ мебошад. Аз шиносоӣ бо рисолаи номзадии диссертант бармеояд, ки муҳаққиқ дар тӯли заҳмати чандсолааш маводи фаровони илмиро оид ба ҳаёт ва фаъолияти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Нусратулло Махсум ҷамъоварӣ намуда, онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар диссертатсия дар баробари комёбиҳо баъзе камбудиву нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ҳангоми нашри монография ба манфиати такмили рисола мебошад.

1. Дар саҳифаҳои 14 филмҳо бахшида ба Нусратулло Махсум (2006) қайд гардидааст, номи филмҳо нест, аммо номи муаллифони филм Шавкати Муҳаммадӣ ва Сайрам Бақозода қайд шудааст. Дар ҳамин саҳифа сатри 4 калимаи “ҷабҳаҳо” оварда шудааст, ки саҳҳеҳ нест, дурусташ ҷанбаҳо аст. Ҳамзамон, дар рисолаи номзадӣ дар навишти номҳои Аморати Бухоро, Шуравӣ, “Қалъаи лаби об” ба иштибоҳ роҳ дода шудааст, ки бояд бо ҳарфи калон навишта мешудаанд.
2. Дар саҳифаи 16 Асосҳои назариявии таҳқиқот ҳамагӣ ду ҷумла аст, ки барои таҳқиқи мавзуи рисолаи номзадӣ кифоя нест.
3. Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия омадааст: “Соли 1925 дар назди Нозироти маорифи халқи ҷумҳурӣ комиссияи фавқулода доир ба маҳви бесаводӣ таъсис ёфт. Нусратулло Махсум кори ин комиссияро зери назорати худ гирифт, ки истифодаи истилоҳи нозирот ба маънои имӯзаи вазорат дар ҶХШ Бухоро истифода мешуд, дар соли 2025 бошад, дар ҶМШС Тоҷикистон мафҳуми Комиссариати халқии маориф истифода мешуд.

4. Дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда рисолаҳои диссертатсиониии олимоние, ки ба масъалаҳои ташаккул ва рушди низоми идоракунӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давраи роҳбарии Нусратулло Махсум дахлдоштаи осори олимон, аз ҷумла диссертатсияҳои номзадӣ ва доктории Алимардонов М.У., Давлатов А., Ализода Б.П., Давлатова Е.В., Класс А.А., Куканов А.З., Митюкова К.Д., Набиева М.А. Николаев Ю. А., Розиқзода А.Ш. ва китобҳои дигари илмӣ, аз ҷумла История таджикского народа. Том 5. – Душанбе, 2004., ҳамчун осори илмии муътамад, бояд таҳлил карда мешуданд, тамоман истифода ва таҳлил нагардидаанд.
5. Дар диссертатсия баъзе ҷумлаҳо ва андешаҳои муаллиф саҳҳеҳ нестанд. Масалан дар саҳифаи 97 омадааст: Раиси КИМ ҶМШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум дар Анҷумани III Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон (моҳи майи соли 1925) суханронӣ намуд. Аммо дар ин марҳила мақоми олии ҳокимияти давлатӣ Кумитаи Инқилобӣ буд ва Анҷумани дуюм 21-28 апрели соли 1929 доир гардида, Конститусия қабул гардид ва Анҷумани III бошад, 18 октябри соли 1929 баргузор гардидааст.
6. Дар саҳифаи 144 диссертатсия омадааст: Рушди ҳамаҷонибаи хоҷагии халқи Тоҷикистон давоми солҳои роҳбарии Нусратулло Махсум заминаи асосии рушди Тоҷикистон дар солҳои минбаъда мебошад. Аз ин рӯ, Нусратулло Махсумро метавон ба маънои томаш, *пойдевори* давлатдории тоҷикон *баъди ҳазор соли бедавлатӣ* номид. Дар ин ҷо ду андешаи баҳснок аст, якум пойдевор ва дуюм “*ҳазор соли бедавлатӣ*”.
7. Дар саҳифаи 146 қайд гардидааст, ки дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX дар қисме аз ноҳияҳои Тоҷикистон, бахусус ноҳияҳои ҳамсарҳад бо Афғонистон шӯру ошӯбҳои зиддишуравӣ ба қайд гирифта шудаанд .... Сабабҳои ба вуҷуд омадани аксари ин шӯру ошӯбҳо то ба имрӯз дақиқ омӯхта нашудааст. Аммо ба

назари мо, ба вуқуъ пайвастани чунин ҳодисот шояд то ҷое ба воқеаҳои Афғонистон, аз ҷумла ҳаракати динии **малангия** ва шӯриши Бачаи Сақо иртибот дошта бошад. Яъне ибораи "ҳаракати динии малангия" бояд шарҳу эзоҳ дода мешуд.

8. Дар рисолаи номзадӣ дар номгӯйи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда, бояд аввал санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, баъд маводи бойгонӣ ва баъд адабиёти илмӣ навишта шавад, аммо ин тартиб риоя нашудааст. Ҳамчунин дар номгӯйи адабиёт (234 т. Бауман) ва (316) Эршашев ба ҷойи Эргашев дар саҳифаи 199 ва ғайра навишта шудааст. Дар баробари ин, такрори номи мақолаҳо дар номгӯйи мақолаҳои муаллиф ва рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти довталаб дида мешавад. Аз ҷумла, мақолаи Вишневский ва Абулҳаев Р.А. дар тартиби рақамгузории адабиёт ду маротиба (226-227) омада, ҳамчунин дар мақолаҳои диссертант рақами тартибии 198 бо [8М] ва 260 бо [7М] такрор шудааст. Ҳамчунин, баъзе хатоҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ дар саҳифаҳои 14, 20 (баъди рақам дар бештари саҳифаҳо дефис нест) ҳамчунин 22, 23, 27, 29, 32, 33, 168, 172, 199, ба мушоҳида мерасанд, ки таҳрири онҳо ба манфиати такмили рисола мебошад.

Новобаста ба баъзе камбудиҳои ҷузъӣ рисолаи номзадии Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ» кори анҷомёфта буда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) ҷавобгӯ мебошад.

Фишурдаи рисолаи номзадӣ (автореферат) ва интишороти муаллиф муҳтавои асосии рисоларо инъикос намуда, ба стандартҳое, ки нисбат ба авторефератҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих татбиқ мешаванд, мувофиқат мекунад ва муаллифи рисола Маҳмудов

Давлатшоҳ Хайруллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ**: директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, и.в. профессор Б. П. Ализода

**Имзои** Б. Ализодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.
«21» 11 с. 2025

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел: +992 918 18 97 26;
E-mail: b.p.alizoda63@mai.ru